«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илми таърих, профессор
Ибодуллозода А.И.
_______________
«22» феврали соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи доктории Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

Дар илми забоншиносии тоҷик то кунун масъалаҳои савтӣ, сарфӣ ва наҳвии лаҳҷаҳои тоҷикӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта бошанд ҳам, дар ин самт ҳанӯз масъалаҳои мубраму таҳқиқнашуда зиёданд. Ба зумраи чунин масъалаҳои мубрам ва мавзуъҳои таҳқиқнашудаи забони тоҷикӣ масъалаи омӯзиши имконоти забонии лаҳҷаю шеваҳои забони тоҷикӣ ҳам дар ҳудуди кишвар ва ҳам дар ҳудуди маҳалҳои тоҷикшинини кишварҳои ҳамсоя маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон мавзуи таҳқиқнамудаи Қурбонов Содиқ Ҳамроқуловичро аз ҷумлаи он мавзуъҳои мубрам ва пураҳаммияте арзёбӣ намуд, ки ба омӯзиш ва бозкушоии бисёр масъалаҳои марбут ба забоншиносӣ, таъриху фарҳанг, этнография ва ҷуғрофияи густариши миллати тоҷик ва забону лаҳҷаҳои он ҳамчун замина ва сарчашмаи боэътимоди илмӣ хизмат намояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он,

инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос менамоянд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси рисола, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам намудааст.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқшуда дар он аст, ки бори аввал дар илми забоншиносии тоҷик хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси лаҳҷаҳои тоҷикии водии Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар заминаи муқоиса бо унсурҳои луғавии хоси шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд. Дар рисола бо такя ба афкори назарӣ ва сарчашмаҳои муътамади илмӣ моҳият, мундариҷа ва мафҳуми калимаҳои шевагӣ, ҷуғрофияи густариши онҳо, роҳ ва сарчашмаҳои ташаккули ин гурӯҳ калимаҳо дар доираи лаҳҷаю шеваҳои зикршудаи забони тоҷикӣ таҳқиқ шуда, мансубияти забонӣ ва соҳавии онҳо омӯзишу баррасӣ шудаанд. Дар идома унсурҳои луғавии ин шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ мушаххас карда шудаанд, ки дар якҷоягӣ бо масъалаҳои қаблан зикршуда арзиши баланди илмӣ доранд.

Натиҷаҳои аз ин таҳқиқот бадастомада метавонад, дар омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои гуногуни илми забоншиносии тоҷик дар бахши фонетикаю луғатшиносӣ, шевашиносӣ, калимасозӣ, морфология, услубшиносӣ, таҳия намудани китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ доир ба таърихи забону луғатшиносӣ, курс ва семинарҳои махсус, омода намудани фарҳангу луғатномаҳои лаҳҷаю шеваҳо ва монанди инҳо амалан истифода шаванд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи доктории Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович кори таҳқиқии комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархӯрдор мебошад. **Навгонии илмии** ин кори таҳқиқӣ дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми забоншиносии тоҷик ҷанбаҳои забонии ташаккули калимаҳои хоси шева дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ба таври муфассал таҳқиқ шудаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он таҷассум меёбад, ки он ба омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқи яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ – калимаҳои шевагӣ, аломату хусусият, доираи густариш, сарчашмаи ташаккулу мансубияти забонӣ ва таснифоти тематикии онҳо бахшида шудааст ва ҳангоми баррасии масъалҳои муҳимми савтию сарфӣ ва наҳвии забони тоҷикӣ, бахусус дар бахши лаҳҷашиносӣ, ба он метавон такя кард. **Аҳаммияти амалии диссертасия** дар он ифода мешавад, ки хулосаҳои илмӣ ва маводи дар рафти таҳқиқи ин мавзуъ бадастомада метавонанд дар омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, омода намудани китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва мавод барои курс ва семинарҳои махсус, навиштани корҳои илмӣ, инчунин тадриси масъалаҳои шевашиносӣ истифода шаванд.

Диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқот, рӯйхатти адабиёти илмӣ, номгӯйи интишороти ба мавзуи диссертатсия алоқаманд, замима ва ихтисораҳо иборат буда, ҳар як боби кор вобаста ба доираи масъалаҳои дар он таҳқиқшаванда ба якчанд фаслу зерфаслҳо ҷудо мешавад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамӣ ва зарурати анҷом додани таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуъ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадафу объект, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот, сарчашма, соҳа ва марҳалаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявиву амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи аз рӯйи тартиб ва талабот баррасӣ шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Масъалаи таҳқиқ ва таснифи калимаҳои хоси шева»** унвон дошта (саҳ.22-87), аз чор фасли ҷудогонаи фарогири муҳтавои масъалаҳои мушаххас таркиб ёфтааст. Дар ин боб, асосан, афкори назарии муҳаққиқони соҳа доир ба калимаҳои шевагӣ, муҳтаво, аломату хусусият ва доираи корбурди онҳо ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Фасли якуми боби мазкур **«Таҳқиқи калимаҳои хоси шева дар забоншиносии хориҷӣ»** ном дошта, дар он муаллиф ақидаҳои забоншиносии муҳаққиқону забоншиносони хориҷӣ, асосан русҳоро, доир ба мафҳуми калимаҳои шевагӣ ва аломату хусусиятҳои онҳоро таҳлилу баррасӣ намуда, дар робита ба онҳо мавқеи худро муайян намудааст. Дар ин фасл бо мақсади ҳар чи беҳтару амиқтар омӯхтану

таҳқиқ намудани калимаҳои шевагӣ ва тақвият додани ҷанбаи назариявии кор муаҳаққиқ афкори назарии муҳаққиқони зиёди русу Аврупоро оварда, таҳлил менамояд. Фасли дуюми ин боб – **«Омӯзиши калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик»**, идомаи мантиқии фасли якум буда, дар он доир ба дараҷаи омӯзиши калимаҳои шевагӣ дар забони тоҷикӣ маълумот дода шудааст. Дар рафти омӯзишу баррасии мавзуъ муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки шевашиносӣ ва омӯзиши диалетизмҳо дар забони русӣ барвақттар оғоз шуда, баъдтар дар забони тоҷикӣ ташаккул ёфтааст. Ӯ таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқони соҳаро доир ба таҳқиқ ва шинохти калимаҳои шевагӣ ҳам дар фасли якум ва ҳам дар фасли дуюм вобаста ба доираи таҳқиқот ва дараҷаи аҳаммияташон гурӯҳбандӣ намуда, намояндагони онҳоро зикр намудааст, ки ин то андозае дар таҳқиқот тамоюл ва иқдоми нав аст.

Дар фасли сеюми боби аввал – «**Мафҳуми калимаҳои хоси шева ва таснифоти он**», муаллиф доир ба мафҳуми калимаҳои шева, аломатҳои фарқкунандаи онҳо, доираи густаришу истеъмол ва гурӯҳҳои онҳо маълумот додааст. Ӯ дар ин фасл бо такя ба афкору назарияҳои муҳаққиқони соҳа мафҳуми **калимаҳои шевагир**о шарҳу тафсир намуда, ҳамзамон бо ин, камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро муайян ва нисбат ба он мавқеи худро мушаххас намудааст. Дар рафти таҳлилу баррасӣ ва таснифи калимаҳои шевагӣ низ маҳорати баланди муҳаққиқӣ нишон дода, батафсил андешаҳои муҳаққиқону забоншиносони зиёдеро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар фасли чоруми боби мазкур – "**Ҳудуди интишори калимаҳои хоси шева**", муҳаққиқ калимаҳои шевагиро аз рӯйи яке аз аломатҳои асосиашон – ҷуғрофияи ҳудуди интишор, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, бо овардани афкори назарии муҳаққиқону забоншиносони гуногун андашаҳои худро тақвият бахшидааст ва мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаро баён ва роҳи ҳаддалимконии ҳалли онро баён намудааст. Дар идома муаллиф дар заминаи муқоиса хусусиятҳои зиёди калимаҳои шевагиро алоқамандона бо ҷуғрофияи ҳудуди интишорашон таҳлилу баррасӣ намуда, бо овардани иқтибос аз муҳаққиқону забоншиносони дигар ҷанбаи илмию назариявии таҳқиқоти худро боқувват намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева»** ном дошта (саҳ. 88-204), фарогири се фасл мебошад. Дар ин боб муҳаққиқ, асосан, сарчашмаҳои ташаккули калимаҳои шевагиро дар забони тоҷикӣ дар доираи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ карор додааст. Дар фасли якуми боби мазкур – **«Ташаккули калимаҳои хоси шева бо роҳи калимасозӣ»**, муҳаққиқ масъалаи аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ бо

роҳи калимасозӣ ташаккул ёфтани калимаҳои шевагиро баррасӣ намуда, доир ба воситаҳо ва падидаҳои гуногуни калимасозе, ки дар такмили захираи диалектизмҳои забони тоҷикӣ нақш доранд, маълумот додааст. Ӯ дар ин росто, калимасозии морфологиро яке аз роҳҳои асосии ташаккули калимаҳои хоси шева хисобида, нақши асосӣ доштани пасвандҳои **-ак (-ок, -ик), -ӣ (-гӣ), -а** ва монанди инҳоро дар шаклгирии ин гурӯҳ калимаҳо махсус қайд менамояд. Ба андешаи ӯ, пасвандҳои мазкур дар ташаккули калимаҳои шевагӣ сермаҳсул буда, пасвандҳои **ин** *(-ина)*, **-ич, -ча** каммасаҳсул мебошанд ва дар созмони диалектизмҳо аҳёнан ба мушоҳида мерасанд. Дар ин фасл ҳар як пасванд аз рӯйи мавқеияти истифодааш дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ таҳлил шуда, дар заминаи муқоиса мавқеи онҳо нишон дода шудааст. Идомаи таҳлилу баррасиҳо дар фасли мазкур ба омӯзиш ва таҳқиқи калимаҳои шевагии мураккаб, навъҳо ва тарзу воситаи ташаккули онҳо дар доираи шеваҳои таҳқиқшаванда бахшида шудааст. Дар робита ба ин калимаҳои мураккаб қайд карда мешавад, ки онҳо, асосан, дар заминаи қолабҳои калимасозии дар забони адабӣ маъмулу мустаъмал сохта шуда, аз рӯйи доираи маҳдуди истеъмол, ифодаи маънои хос ва дучор шуданашон ба ҳодисаҳои гуногуни фонетикӣ ва шаклҳои ғайриадабии худ аз дигар гурӯҳҳои калимаҳои таркиби луғавии забон фарқ менамоянд. Зимни баррасии ин мавзуъ мавҷудияти тамоми навъҳои калимаҳои мураккаб бо овардани мисолҳо аз шеваю лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ нишон дода шудааст.

Фасли дуюми боби мазкур «**Манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули калимаҳои хоси шева**» ном дошта, ба муайян кардани мавқеи сарчашмаҳои дохилию иқтибосӣ дар ташаккули таркиби луғавии забон аз ҳисоби диалектизмҳо бахшида шудааст. Дар ибтидои ин фасл мавқеи калимаҳои забонҳои гуногуни эронӣ, аз қабили забонҳои суғдӣ, бохтарӣ, дарӣ, забонҳои помирӣ ва монанди инҳо, дар ташаккул ва такмили луғати лаҳҷаҳо баррасӣ шуда, доир ба онҳо афкору назарияҳои ҷолиб баён карда шудаанд. Қайд карда мешавад, ки як қисми бузурги калимаҳои хоси шеваро калимаҳои умумиэроние ташкил менамоянд, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърих ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ гузашта, бо сабаби маҳдуд шудани доираи истеъмолашон унвони калимаҳои шевагӣ ё диалектизмҳоро ба худ касб намудаанд. Ҷолибияти таҳқиқи масъалаи мазкур он аст, ки ҳар як фикр ё матлаби баёншуда бо овардани мисолҳои мушаххас аз шеваю гӯйишҳои мухталифи забони тоҷикӣ собит карда мешавад.

Дар идомаи таҳқиқот дар ин фасл нақши калимаҳои иқтибосӣ дар ташаккули таркиби диалектизмҳои шеваҳои забони тоҷикӣ баррасӣ

шуда, мавқеи ҳар як забон вобаста ба дараҷаи нуфузи унсурҳои луғавиашон дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ таҳқиқ шудааст. Таъкид карда шудааст, ки муҳити ҷуғрофӣ, тарзи зист, русуму одоти мардуми маҳал дар ташаккули ин қабати луғавӣ нақши муассир доранд. Ба андешаи муаллиф, дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ унсурҳои луғавии иқтибосии арабию русӣ дар муқоиса бо лаҳҷаҳои тоҷикии водии Сурхондарё нуфузи бештар доранд ва то андозае маъноҳои нав соҳиб гаштаанд, ки, пеш аз ҳама, мавҷудияти маҳдудиятҳои муайяни ҷуғрофӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва набудан ё камтар будани чунин маҳдудиятҳо дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ мебошад.

Тибқи таҳлилҳои анҷомдодашуда, дар ин қабати луғавӣ аз ҳама бештар иқтибосоти арабӣ нуфуз дошта, дар марҳилаҳои дурударози таърихӣ онҳо ба тағйироти гуногунӣ овозӣ ва ба таҳаввулоти мухталифи маъноӣ дучор шудаанд. Муҳаққиқ бо такя ба сарчашмаҳо ва афкори назарии забоншиносони гуногун ин таҳаввулоти овозӣ ва тағйироти маъноии иқтибосоти арабиро нишон додааст. Ӯ мавқеи калимаҳои туркию муғулиро ҳам дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ назаррас арзёбӣ намуда, омили асосии нуфузи онҳоро дар шеваҳои забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, ба ҳамзистӣ ва муносибатҳои чандинасраи хешутабории мардуми тоҷику ӯзбек марбут медонад. Диссертант дар рафти таҳлилу баррасиҳо ба хулосае меояд, ки калимаҳои туркию муғулӣ дар шеваҳои забони тоҷикӣ дар муқоиса бо иқтибосоти арабӣ асолати сохторӣ ва ҳатто асолати маъноии худро хубтар ҳифз намудаанд. Дар идома таъкид мегардад, ки иқтибосоти русию аврупоӣ дар захираи диалектизмҳои забони тоҷикӣ нуфузи камтар дошта, хеле кам ба мушоҳида мерасанд.

Дар фасли сеюми боби мазкур – «**Баррасии хусусиятҳои таърихии калимаҳои хоси шева**», ин қабати луғоти лаҳҷаҳо ҳамчун унсурҳои маънодори таърихан ташаккулёфта таҳлилу баррасӣ гардида, бо иқтибос овардани афкору назарияҳои ҷолиби дигар муҳаққиқону забоншиносон хусусиятҳои гуногуни таърихии калимаҳо баён шудааст. Пас аз назари иҷмолӣ ба хусусиятҳои калимаҳои шевагӣ маъсалаи меҳварии таҳқиқ дар ин фасл ба омӯзиши гурӯҳҳои маъноӣ ва мансубияти ҳиссаинутқии онҳо мутамарказ мешавад. Дар ин фасл, аслан, он гурӯҳ калимаҳое ҳамчун унсурҳои луғавии диалектикӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд, ки таърихан калимаҳои адабӣ ё умумиистеъмол буда, бо мурури замон доираи истеъмоли онҳо танг шуда, дар забони имрӯзаи тоҷикӣ дар ҳудуди лаҳҷа ё шеваи муайян боқӣ мондаанд. Тибқи ишораҳои муаллиф, калимаҳои шевагӣ аз рӯйи маъно ва мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ, асосан, исм, сифат, феъл ва зарф мешаванд.

Боби сеюми диссертатсия **«Таснифи мавзуии калимаҳои хоси шева»** ном дошта (саҳ.205-293), аз ду фасл иборат мебошад. Дар ин боб калимаҳои хоси шева аз ҷиҳати маъно, дар асоси маводи аз шеваҳои таҳқиқшаванда гирдовардаи муҳаққиқ, таҳқиқ шуда, калимаҳои шевагии ифодакунандаи мафҳуми ашёву ҳодисаҳо аз рӯйи мансубияташон ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию маишӣ ва диалектизмҳои ифодакунандаи аломату хусусият ва мафҳуми амалу ҳаракат ва ғайра аз рӯйи мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ тасниф ва таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар фасли якуми ин боб – **«Таҳқиқи лексикаи ашёӣ»**, диалектизмҳое, ки мафҳуми ашёву ҳодисаҳоро ифода намуда, ба гурӯҳи исмҳо мансубанд, бо дарназардошти маъно ва соҳаҳои истифодаашон таҳлилу баррасӣ шуда, ба зергурӯҳҳои зиёде ҷудо карда шудаанд. Таҳлилу мушоҳидаҳои фасли мазкур нишон медиҳанд, ки муҳаққиқ тавонистааст, ки дар доираи диалектизмҳои шеваҳои таҳқиқшудаи забони тоҷикӣ зергурӯҳҳои зиёди маъноии калимаҳои шевагиро пуайян намояд ва бо дар назар гирифтани умумияту фарқияташон, онҳоро ба ҳашт гурӯҳи алоҳида: 1) калимаҳои шевагии ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ; 2) калимаҳои шевагии ифодакунандаи мафҳумҳои хонаю дар ва ҳавлидорӣ; 3) калимаҳои шевагии ифодакунандаи мафҳумҳои хӯришу хӯрокворӣ; 4) калимаҳои шевагии ифодакунандаи мафҳуми сару либос ва асбобҳои ороишӣ ва ҳунарҳои гулдӯзӣ; 5) калимаҳои шевагии ифодакунандаи номҳои ҳайвонот, паранда ва ҳашарот; 6) калимаҳои шевагии ифодакунандаи номҳои растанию гиёҳҳо, дарахтҳо, буттаҳо; 7) калимаҳои шевагии ифодакунандаи номи узвҳои бадан ва бемориҳо; 8) калимаҳои шевагии ифодакунандаи мафҳуми ҷашну маросим ва ҳунарҳои мардумӣ онҳоро тасниф намояд. Ӯ калимаҳои хоси шева ифодакунандаи мафҳумҳои хешутабориро таҳлил намуда, онҳоро аз рӯйи мансубияташон ба зан ё мард ва ё ба ҳар ду ҷинс ба гурӯҳи калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешутабории хоси мардон, занон ва калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номҳои марбути ҳар ду ҷинс тасниф намудааст. Ба ҳамин монанд, муҳаққиқ тамоми гурӯҳҳои маъноии диалектизмҳои дар доираи шеваҳои таҳқиқшуда таснифнамудаашро, дар навбати худ, боз ба чандин зергурӯҳҳо гурӯҳбандӣ намуда, моҳияту хусусиятҳои забонии онҳоро баррасӣ намудаа.

Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия **«Таҳқиқи лексикаи ғайриашёӣ»** ном дошта, ба таҳлилу баррасии диалектизмҳои сифатӣ, феълӣ ва зарфии дар шеваю лаҳҷаҳои таҳқиқшуда бахшида шудааст. Унсурҳои лексикии ҳар яке аз ин гурӯҳҳои ҳиссаинутқии калимаҳои хоси шева бо овардани мисолу далелҳои мушаххас аз шеваю лаҳҷаҳои таҳқиқшуда таҳлилу баррасӣ шуда, моҳияти луғавию диалектикии онҳо нишон дода шудааст. Дар ин фасл диссертант ибтидо ақидаҳои худро доир ба масъалаҳои баррасишаванда бо афкору назарияҳои муҳаққиқону забоншиносони дигар тақвият дода, аз рӯйи нуфуз ва мавқеъ аввал диалектизмҳои феълӣ ва баъдан диалектизмҳои сифатию зарфиро таҳқиқ намудааст. Ӯ калимаҳои шевагии ифодакунандаи амалу ҳаракатро дар

заминаи шеваҳои барои таҳқиқ мушаххасгардида ҷамъоварӣ намуда, бо овардани мисолуҳои муътамад мавҷуд будани тамоми гурӯҳҳои сохтории феълҳоро дар захираи диалектии ин шеваю лаҳҷаҳо нишон додааст. Дар идома муаллиф диалектизмҳои сифатии дар лаҳҷаҳои тоҷикии водии Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ маҷудбударо таҳқиқ намуда, аз рӯйи ифодаи маъно ифодакунандаи маъноҳои мухталиф будани онҳоро нишон додааст. Айнан ҳамин гуна таҳлилу баррасиҳо ва таснифу гурӯҳбандиҳоро муҳаққиқ дар доираи диалектизмҳои зарфӣ анҷом дода, моҳияти забонии онҳоро нишон додааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Қурбонов Содиқ дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, бандубаст, ҷобаҷогузории бобҳо, фаслҳо ва зерфаслҳо хуб ба роҳ монда шудааст. Таҳқиқоти дар доираи ҳар як боб, фаслу зерфасл анҷомдодаи муҳаққиқ таҷассумгари номи бобу фаслҳо ва зерфаслҳо буда, баёнгари маҳорати баланди таҳқиқотӣ доштани муаллиф мебошад. Хулосаҳои дар охири бобҳои кор натиҷагиришуда ҳам инъикоскунандаи муҳтавои мухтасари бобҳо буда, хулосаи асосии кор, ки дар 22 банд ҷамъбаст шудааст, муҳтавои диссертатсияро ба хубӣ инъикос менамояд.

Дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳо, дар диссертатсия як қатор камбудиҳо ва нуқсонҳои услубию китобатӣ ва мавзуӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ба назар гиритфани онҳо дар оянда ба манфиати кор мебошад:

1. Дар саҳ.104-и диссертатсия чунин ҷумларо мехонем: “...пасванди -а аз исму сифат сифат месозад: **патала, пазала, лахча, чала** ва ғайра”. Дар калимаҳои мазкур -а пасванд нест ва сифат ҳам насохтааст.

2. Дар диссертатсия доираи истифодаи баъзе калимаҳо баҳсталаб ба назар мерасад, масалан ҳангоми баррасии сохти калимаҳои хоси шева муҳаққиқ калимаи **дангалачув** (саҳ.116) ва дар мавриди таҳқиқи хусусиятҳои калимаҳои иқтибосӣ калимаи **назла** (саҳ. 143)-ро хоси лаҳҷаи Ёлу Порвор ҳисобидааст, вале дар ин манотиқ калимаҳои мазкур корбаст намешаванд.

3. Ифодаи маъноии калимаҳои хоси шева дар чанд маврид эзоҳталаб шарҳ ёфтааст: калимаи **пирзача** (саҳ.106) дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб ба маънои зане меояд, ки вақти таваллуд ба зани ҳомила ёрӣ медиҳад ва он мафҳуми хешутабориро ифода наменамояд; калимаи **йоғара** ва шакли таркибии он **йоғара шудан** (саҳ. 138) ба маънои чормағзи аз пӯст чудокардашуда тавзеҳ дода шудааст, вале дар асл ин калима дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб маънои **нимхушк шудан**ро дорад.

4. Калимаҳои **олуғда** (хашмгин – саҳ.202) ва **бегор** (кори маҷбурии бемузд – саҳ. 203) дар зербоби ифодаи калимаҳои адабии китобӣ бо зарф таҳқиқ шудаанд, вале онҳо зарф набуда, сифатанд.

5. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоиву китобатӣ низ ба назар мерасанд, масалан дар саҳифаҳо 14 ва 53-и диссертатсия насаби лаҳҷашинос Сангинова Р. дар шакли **Сангинов** омадааст; шакли нодурусти калимаҳо низ ба мушоҳида мерасад: аломат вазамон // аломат ва замон (саҳ.18); **чеғел**ҷанда // **чеғел** – ҷанда (саҳ.134) ва ғ.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ буда, муҳтавои корро коста намегардонанд ва муаллиф дар иҷрои вазифаҳои илмии дарпешгузоштааш пурра муваффақ шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** бо он собит мешавад, ки ӯ мутахассиси соҳаи забоншиносӣ буда, диссертатсия бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф комилан мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, пурра мувофиқат мекунад.

Мазмуни диссертатсияи доктории Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович бо номи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» бо фишурдаҳои он, ки ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ навишта шудаанд, инчунин 2 китоб (1 китоби луғатнома ва 1 монография), 41 мақолаи илмӣ, 23-тояш дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст, муҳтавои таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

**Хулоса,** диссертатсияи доктории Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович – «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳқиқоти баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267 тасдиқ шудааст, инчунин ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ ва кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима гардида, бо қарори № 7 аз 21-уми феврали соли 2024 тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № 7 аз 21.02.2024.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илми филология, профессори
кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ — Баротзода Файзиддин Камолиддин

Мудири кафедраи назария ва
амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
номзади илми филология, дотсент — Шерализода Адолат Шералӣ

**Эксперт:**
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Гадоев Нурхон

**Котиб:**
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Юсупов Шоҳин

**Имзоҳои профессорон Баротзода Ф.К., Гадоев Н. ва дотсентон Шерализода А. ва Юсупов Ш.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Почтаи электоронӣ: info@ tgpu.tj
WWW: www. tgpu.tj
Тел.:+992 (37) 224 13 83
«21» феврали соли 2024